# С О З И Ш Н О М АИ
**байни**

**Ҷумҳурии Полша**

**ва**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**оид ба**

**канорагирӣ аз андозсупории**

**дукарата ва саркашӣ аз**

**супоридани андозҳо**

**аз даромад ва сармоя**

Ҷумҳурии Полша
ва
Ҷумҳурии Тоҷикистон

бо ба роҳбарӣ гирифтани хоҳиши таҳкиму густариш додани ҳамкориҳои иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангии байни ҳар ду Давлат ва бо мақсади бартараф кардани андозбандии дукаратаи даромадҳо ва сармоя тасмим гирифтанд, ки ин Созишномаро банданд ва ба мувофиқати зерин расиданд:

## Моддаи 1

## Ашхосе, ки нисбати онҳо ҳамин Созишнома истифода бурда мешавад

Ин Созишнома дар мавриди он ашхосе истифода бурда мешавад, ки дар яке ё ҳарду Давлати Аҳдкунанда резидент мебошанд.

## Моддаи 2
## Андозҳое, ки ин Созишнома фаро мегирад

1. Ин Созишнома нисбат ба андозҳои аз даромад ва сармоя, ки мутобиқи қонунгузории ҳар кадом аз Давлатҳои Аҳдкунанда, ситонида мешаванд, сарфи назар аз воситаи ситонида шуданашон, мавриди татбиқ қарор мегирад.

2. Андозҳо аз даромад (фоида) ва сармоя ҳамаи андозҳое ҳисоб мешаванд, ки аз ҷамъи умумии даромад, аз сармояи умумӣ, ё аз унсурҳои алоҳидаи даромад ва сармоя ситонида мешаванд, аз ҷумла андози даромадҳо аз мусодираи амволи манқул ва ғайриманқул, андозҳо аз фонди умумии музди меҳнат, ки корхонаҳо мепардозанд, инчунин андозҳои даромад аз болоравии арзиши сармоя.

3. Ба андозҳои дар ҳоли ҳозир амалкунандае, ки амали ин Созишнома татбиқ мегардад, аз ҷумла мансубанд:

а) дар Ҷумҳурии Полша:
- андоз аз даромад (фоида)-и шахсони ҳуқуқӣ,
- андоз аз даромад (фоида)-и шахсони воқеъӣ,

(ки минбаъд «андозҳои Полша» номида мешаванд);

b) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- андоз аз даромад (фоидаи) шахсони ҳуқуқӣ;
- андоз аз даромадҳои шаҳрвандон;
- андоз аз амволи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъӣ,

(ки минбаъд "андозҳои Тоҷикистон" номида мешаванд)

4. Ин Созишнома ҳамчунин нисбати ҳама гуна андозҳои ба ин наздик ва аз руи хислаташон монанд, ки баъди ба имзо расидани ҳамин Созишнома ба иловаи андозҳои мавҷуда ё ки бар ивази онҳо ситонида мешаванд, мавриди татбиқ қарор мегирад. Мақомоти салоҳиятдори Давлатҳои Аҳдкунанда якдигарро аз ҳар гуна тағйиротҳои назарраси дар қонунгузориҳои андозии онҳо ба амал омада, бохабар месозанд.

## Моддаи 3
## Муқаррароти умумӣ

1. Аз назари ин Созишнома ба ҷуз дар мавриде, ки матн маънои дигареро надиҳад:

a) истилоҳи "Давлати Аҳдкунанда" ва "Давлати дигари Аҳдкунанда" мувофиқи матн маънои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҷумҳурии Полшаро дорад;

b) истилоҳи "Полша" ба маънои ҷуғрофӣ қаламрави Ҷумҳурии Полшаро дорад, аз ҷумла ҳар кадом ҳудуди берун аз обҳои минтақавӣ, ки дар он тибқи қонунгузории Полша ва мувофиқи ҳуқуқи байналхалқӣ Полша метавонад ҳуқуқҳои мустақили нисбат ба қаъри баҳр, қабати зери қаър ва захираҳои табиии онро ба амал барорад;

c) истилоҳи "Тоҷикистон" маънои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳангоми ба маънои ҷуғрофӣ истифодабарии қаламрави он, обҳои дохили, фазои онро дорад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар он ҳуқуқҳои мустақил ва доираи ҳуқуқашро, аз ҷумла ҳуқуқи истифодабарии конҳо ва захираҳои табииро, мувофиқи меъёри ҳуқуқҳои байналхалқӣ, ки қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, ба амал барорад;

d) истилоҳи “шахс” маънои шахси воқеъӣ, ширкат ва ҳар кадом дигар иттиҳодияро дорад;

e) истилоҳи «ширкат» ба маънои ҳар кадом иттиҳодияи корпоративӣ ё дигар ташкилоте меояд, ки барои мақсадҳои андозбандӣ ҳамчун иттиҳодияи корпоративӣ дониста шуда, аз ҷумла ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъиятҳои масъулияташ маҳдуд ё ҳар кадом дигар шахси ҳуқуқӣ ё ташкилотро дар бар мегирад;

f) истилоҳи “корхонаи Давлати Аҳдкунанда” ва «корхонаи Давлати дигари Аҳдкунанда» мутаносибан маънои корхонаеро, ки резиденти як Давлати Аҳдкунанда идора менамояд ва корхонаеро, ки резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда идора мекунад, дорад;

g) истилоҳи "ҳамлу нақли байналхалқӣ" маънои ҳар гуна боркашониҳоро тавассути киштӣ ё тайёра, нақлиёти роҳи оҳан ё автомобилӣ дорад, ки корхонаи Давлати Аҳдкунанда истифода мебарад, ба истиснои он ҳолатҳое, ки киштӣ ё тайёра, нақлиёти роҳи оҳан ё автомобилӣ танҳо байни маҳалҳои қаламрави Давлати дигари Аҳдкунанда истифода мегарданд;

h) истилоҳи «шахси миллӣ» маънои:

1) ҳар шахси воқеъӣ, ки шаҳрвандии Давлати Аҳдкунандаро дорад;

2) ҳар шахси ҳуқуқӣ, ширкат ё ассотсиатсияро дорад, ки мувофиқи қонунгузории ҷории Давлати Аҳдкунанда ин мақоми худро гирифтааст;

мӯҳлати бештар аз 9 моҳ идома ёфта бошад ё ки чунин хизматҳо дар мӯҳлати бештар аз 9 моҳ расонида шаванд;

c) хизматрасониҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои машваратии резидентҳо тавассути хизматчиён ё дигар кормандон, ки резидент ба ин мақсад ба киро мегирад, лекин танҳо агар чунин фаъолият (барои ин гуна лоиҳа ё лоиҳаи ба он алоқаманд) дар ҳудуди мамлакат бештар аз 9 моҳ давом кунад.

4. Сарфи назар аз муқаррароти бандҳои пештараи ҳамин модда истилоҳи "муассисаи доимӣ" (намояндагӣ) дар бар намегирад:

a) истифодабарии иншоотҳо ва таҷҳизотро фақат ба мақсади нигоҳдорӣ ё намоиши молҳо ва ё маснуоти ба ин корхона таъаллуқ дошта;

b) нигаҳ доштани захираҳои молҳо ва маснуоти ба ин корхонаҳо таъаллуқдоштаро фақат ба мақсади анбор кардан ё намоиш додан;

c) нигаҳ доштани захираҳои молҳо ё ки маснуоти ба ин корхонаҳо таъаллуқдошта фақат танҳо ба мақсади коркарди онҳо аз тарафи дигар корхонаҳо;

d) нигаҳ доштани маҳалли фаъолияти доимӣ танҳо ба мақсади хариди молҳо ё ки маснуот ё барои ҷамъоварии маълумот барои корхона;

e) нигаҳ доштани маҳалли фаъолияти доимӣ танҳо ба мақсади амалӣ сохтани ин ё он фаъолияти ҷанбаи омодагӣ дошта ва ё характери кумакрасонӣ дошта барои ҳамин корхона ба монанди реклама ё тадқиқоти илмӣ;

f) нигаҳ доштани маҳали фаъолияти доимӣ танҳо ба мақсади амалӣ сохтани бандубасти гуногуни фаъолиятҳои дар зербандҳои аз a) то e) ҳамин банд зикршуда, ба шарте, ки маҷмӯи фаъолияти ин маҳали фаъолияти доимӣ, ки дар натиҷаи чунин бандубаст ба вуҷудоянда ҷанбаи омодагӣ ва ё характери кӯмакрасонӣ дошта бошад.

5. Сарфи назар аз муқаррароти бандҳои 1 ва 2 агар шахс ғайри агенти мақоми мустақилона дошта бошад, ки нисбати вай дар банди 6-и ҳамин модда сухан меравад ва аз номи корхона амал карда, маъмулан дар Давлати Аҳдкунанда ваколати бастани карордодҳоро аз номи ҳамин корхона дошта бошад ё истифода намояд ё захираи молҳои ба корхона таъаллуқдоштаро нигоҳдорӣ кунад, ки аз онҳо фурӯши мунтазамро аз номи корхона ба амал мебарорад, чунин корхона ҳамчун корхонаи дорои муассисаи доимӣ (намояндагӣ) дар ҳамин Давлат дониста мешавад, нисбати ҳамагуна фаъолияте, ки ин шахс барои корхона анҷом медиҳад, агар фаъолияти чунин шахс, ба фаъолияти дар банди 4 ҳамин Созишнома номбурда маҳдуд

нашавад, ва ин фаъолият ҳарчанде, ки таввасути ҷои фаъолияти доимӣ амалӣ гардад ҳам, вале мувофиқи муқаррароти ин банд ин маҳалли фаъолияти доимиро ба муассисаи доимӣ (намояндагӣ) табдил намесозад.

6. Корхона дар Давлати Аҳдкунанда ҳамчун корхонаи дорои муассисаи доимӣ (намояндагӣ) танҳо ба он хотир ҳисобида намешавад, ки вай фаъолияти иқтисодӣ (соҳибкориаш)-ро дар ҳамин Давлат таввассути брокер, агенти комиссионӣ ё ки агенти дигари мақоми мустақил дошта анҷом медиҳад, ба шарте, ки чунин ашхос дар доираи фаъолияти маъмулии худ амал кунанд.

7. Чунин далел, ки ширкате, ки резиденти яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда буда ширкати резиденти дигар Давлати Аҳдкунандаро зери назорат мегирад ё ки аз ҷониби он назорат карда мешавад, ё ки фаъолияти иқтисодӣ (соҳибкорӣ)-ро дар ҳамин Давлати дигар (ё аз тариқи муассисаи доимӣ (намояндагӣ) ё ки ба тариқи дигар) амалӣ месозад, худ аз худ яке аз ин ширкатҳоро ба муассисаи доимии (намояндагии) дигаре табдил намедиҳад.

## Моддаи 6
## Даромад аз амволи ғайриманқул

1. Даромади ба даст овардаи резиденти Давлатҳои Аҳдкунанда аз амволи ғайриманқул (аз ҷумла, даромад аз хоҷагии кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал), ки дар Давлати дигари Аҳдкунанда қарор дорад, метавонад дар Давлати дигари Аҳдкунанда мавриди андозбандӣ қарор гирад.

2. Истилоҳи "амволи ғайриманқул", ҳамон маъноеро дошта метавонад, ки дар қонунгузории Давлати Аҳдкунанда ки амвол дар қаламрави он ҷойгир аст, дорад. Ин истилоҳ, дар ҳама ҳолат, амволи ёрирасонро нисбати амволи ғайриманқул, ҳайвонот ва таҷҳизотҳои дар хоҷагии кишоварзӣ ва ҷангал мавриди истифода қарор дошта, ҳуқуқҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ дар бораи моликияти замин узуфрукт (ҳуқуқӣ истифодабарӣ аз моликияти бегона ва даромадҳои аз он ҳосилгардида бе расонидани зиён), амволи ғайриманқул, инчунин ҳуқуқи пардохтҳои тағирёбанда ва танзимшаванда ба сифати ҷуброн барои коркард ё ки ҳуқуқи коркарди захираҳои табиӣ, манъбаҳо ва дигар канданиҳои табииро дар бар мегирад. Киштиҳои баҳрӣ ва тайёраҳо, нақлиёти роҳи оҳан ва автомобилӣ ба сифати амволи ғайриманқул дониста намешаванд.

3. Муқаррароти банди 1 ҳамин модда нисбати даромадҳо аз истифодаи мустақими амволи ғайриманқул, ба иҷора додан ё истифодаи амволи ғайриманқул дар ягон шакли дигар, татбиқ карда мешавад.

4. Агар соҳиб будан ба саҳмияҳо ё дигар ҳуқуқҳои корхона ба соҳиби ин саҳмҳо ё ҳуқуқҳо иҷозат диҳад, ки амволи ғайриманқули ба корхона таалуқдоштаро истифода барад, пас даромад аз истифодаи мустақим, ба иҷора додан ё истифодабарии чунин ҳуқуқ дар ҳар шакли дигар, дар ҳамон Давлати Аҳдкунанда, ки ин амволи ғайриманқул қарор дорад, мумкин аст мавриди андозбандӣ қарор гирад.

5. Муқаррароти бандҳои 1 ва 3, инчунин нисбат ба даромадҳо аз амволи ғайриманқули корхона ва даромадҳо аз амволи ғайриманқули барои расонидани хизматҳои шахсии бевосита истифодашаванда, татбиқ мегарданд.

## Моддаи 7
## Фоида аз фаъолияти иқтисодӣ (соҳибкорӣ)

1. Фоидаи корхонаи Давлати Аҳдкунанда танҳо дар ҳамин Давлат андозбандӣ мешавад, агар чунин корхона дар Давлати дигари Аҳдкунанда аз тариқи муассисаи доимӣ (намояндагӣ)-и дар он ҷо қарор дошта фаъолияташро амалӣ насозад. Агар корхона фаъолияташро тавре, ки дар боло зикр гардид, амалӣ созад, даромади корхона метавонад дар Давлати дигари Аҳдкунанда андозситонӣ шавад, лекин танҳо дар он қисмате, ки ба чунин муассисаи доимӣ тааллуқ дорад.

2. Бо назардошти муқаррароти банди 3 вақте, ки корхонаи Давлати Аҳдкунанда фаъолияти иқтисодӣ (соҳибкорӣ)-ро дар Давлати дигари Аҳдкунанда аз тариқи муассисаи доимии дар он ҷо қарор дошта ба амал баровардааст ё мебарорад, пас дар ҳар кадом Давлати Аҳдкунанда ба чунин муассисаи доимӣ даромад мансуб мегардад, ки вай метавонист ба даст оварад, ба шарте, ки вай ҳамчун корхонаи мустақил ё ҷудогона фаъолияти ба он монандро дар шароити мушобеҳи он, комилан мустақилона аз корхона, бо муассисаи доимӣ (намояндагӣ) анҷом медод.

3. Ҳангоми муайян кардани фоидаи муассисаи доимӣ (намояндагӣ) нигоҳ доштани хароҷотҳои ба мақсади фаъолияти ин муассисаи доимӣ равоншуда, аз ҷумла хароҷотҳои идорӣ ва умумии маъмурӣ, сарфи назар аз он ки ин хароҷотҳо дар Давлати

Аҳдкунандае, ки онҷо муассисаи доимӣ қарор дорад, ё берун аз он қарор дорад, сарф шудааст ба истиснои он хароҷотҳое, ки ба корхонаи асосӣ, ба монанди пардохтҳои гуногун барои истифодаи патентҳо ё дигар ҳуқуқҳо, ё бо роҳи пардохтҳои комиссионӣ барои пешниҳод кардани хизматҳо, ё идоракунӣ, ҳаққи қалам, ё пардохти фоизҳо барои маблағҳои ба муассисаи доимӣ (намояндагӣ) пешниҳод кардашуда, ба назар гирифта мешаванд.

4. Ҳеҷ гуна фоида ба сабаби танҳо хариди молҳо ё маснуот барои корхона, ки муассисаи доимӣ (намояндагӣ) анҷом медиҳад, ба ҳисоби ҳамин муассисаи доимӣ гузаронида намешавад.

5. Аз назари бандҳои пешина фоидаи ба муассисаи доимӣ (намояндаги) таалуқдошта, ҳар сол бо як усул муқаррар карда мешавад, ба шарте, ки барои тағъир додани ин тартиб ягон хел асоси маҳкам ва эътимоднок вуҷуд надошта бошад.

6. Агар фоида унсурҳои даромадро, ки дар дигар моддаҳои ин Созишнома ба таври ҷудогона баррасӣ мешаванд дар бар гирад, пас муқаррароти ин моддаҳо ба муқаррароти ин модда дахолат намекунад.

## Моддаи 8
## Ҳамлу нақли байналхалқӣ

1. Фоидаи ба дастовардаи резиденти Давлати Аҳдкунанда аз истифодаи киштиҳои баҳрӣ, тайёраҳо, нақлиёти роҳи оҳан ва автомобилӣ дар ҳамлу нақли байналхалқӣ танҳо дар ҳамин Давлате, ки маҳалли воқеии идоракунии корхона ҷойгир шудааст, андозбандӣ мешавад.

2. Фоидаи резиденти Давлати Аҳдкунанда аз иҷора додани воситаи нақлиёт, инчунин контейнерҳо ва таҷҳизоти ба онҳо таалуқдошта барои истифода дар ҳамлу нақли байналхалқӣ агар чунин иҷора вобаста ба ҳолати истифодабарии дуюмдараҷаи воситаҳои нақлиётӣ дар ҳамлу нақли байналхалқӣ бошад, танҳо дар ҳамин Давлати Аҳдкунанда андозбандӣ мешавад.

3. Муқаррароти бандҳои 1 ва 2 ба фоидае, ки резиденти Давлати Аҳдкунанда аз иштирок дар хизматрасонии дар корхонаҳои муштарак ё ки дар ташкилоти байналхалқӣ ҳангоми истифодабарии воситаҳои нақлиёт ба даст овардааст, татбиқ мегарданд.

## Моддаи 9
## Корхонаҳои муттаҳидкардашуда

1. Агар:

а) корхонаи Давлати Аҳдкунанда ба таври мустақим ё ғайримустақим дар идоракунӣ, назорат ва ё сармояи корхонаи Давлати дигари Аҳдкунанда ширкат намояд; ва, ё,

b) худи ҳамон ашхос ба таври мустақим ё ғайримустақим дар идоракунӣ, назорат ё сармояи корхонаи Давлати Аҳдкунанда, инчунин корхонаи Давлати дигари Аҳдкунанда иштирок намояд ва дар ҳар кадом ҳолат байни ин корхонаҳо муносибатҳои тиҷоратӣ ва молиявие руй медиҳад, ё барқарор гардад,ки аз муносибатҳои дар байни ду корхонаи мустақил вуҷуд дошта фарқ кунанд, пас ҳаргуна фоидае, ки бояд ба яке аз ин корхонаҳо ҳисоб карда шавад, вале бо назардошти чунин муносибатҳо гузаронида нашудааст, метавонад ба фоидаи корхонаи мазкур дохил карда шуда, мавриди андозбандӣ қарор дода шавад.

2. Агар Давлати Аҳдкунанда ба фоидаи ин Давлат фоидаеро дохил карда ва ба ҳамин сабаб андозбандӣ кунад, ки корхонаи Давлати Аҳдкунандаи дигар, барои он фоида дар Давлати дигар андозбандӣ мешавад, пас Давлати Аҳдкунандаи дигар ба маблағи андози аз ин фоида гирифташаванда тасҳеҳи лозимро ворид мекунад. Дар вақти муайян кардани чунин тасҳеҳот бояд дигар муқаррароти ин Созишнома ба назар гирифта шаванд ва мақомоти салоҳиятдори Давлати Аҳдкунанда дар ҳолатҳои зарурӣ бо ҳамдигар машварат гузаронанд.

## Моддаи 10
## Дивидендҳо

1. Дивидендҳои ширкате, ки резиденти яке аз Давлати Аҳдкунанда буда ба резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда мепардозад, мумкин аст дар ҳамин Давлати дигари Аҳдкунанда андозбандӣ шаванд.

2. Вале аз чунин дивидендҳо мумкин аст инчунин дар он Давлати Аҳдкунанда, андоз супоранд, ки резиденти вай ширкате мебошад, ки дивидендҳоро мувофиқи қонунгузории ҳамин Давлат мепардозад, аммо агар гиранда резиденти воқеии дивидендҳо бошад, пас андози ситонидашаванда набояд:

а) аз 5 фоизи маблағи умумии дивидендҳо зиёдтар бошад, агар соҳиби воқеӣ ширкат (ғайри ширкати оддӣ), бошад, ки на камтар аз

25 фоизи сармояи ширкати дивиденддиҳандаро дар ихтиёр дошта бошад;

b) беш аз 15 фоизи умумии дивидендҳо дар дигар мавридҳо ташкил диҳад.

Мақомоти салоҳияти Давлатҳои Аҳдкунанда бо розигии ҳамдигар усули ба кор бурдани чунин маҳдудиятҳоро муқаррар менамоянд.

Ин банд ба андозбандии ширкат нисбат ба фоидае, ки аз он дивидендҳо пардохта мешаванд, дахолат надорад.

3. Истилоҳи "дивидендҳо" дар ҳамин модда маънои даромад аз саҳмияҳо ва ё дигар ҳуқуқҳоро, ки ӯҳдадории қарзӣ нестанд, даромад аз иштирок дар фоида, инчунин даромад аз дигар ҳуқуқҳои корпоративиро медиҳад, ки дар робита ба андозбандӣ ба саҳмияҳо, тибқи қонунгузории Давлати Аҳдкунандае баробар карда шудаанд, ки резиденти вай фоидаро тақсим менамояд.

4. Муқаррароти бандҳои 1 ва 2 мавриди истифода қарор дода намешаванд, агар соҳиби воқеии дивидендҳо резиденти Давлати Аҳдкунанда буда, фаъолияти соҳибкориро дар Давлати дигари Аҳдкунанда анҷом диҳад, ки дар он ширкате, ки дивиденд месупорад, муассисаи доимии вай буда тавассути муассисаи доими (намояндагӣ)-и дар он ҷо қарор дошта хидматҳои мустақили шахсиро аз пойгоҳҳои доимӣ, ҳолдинги дар он ҷо воқеъгардида, ки ба онҳо дивиденд пардохта мешавад ва воқеъан ҳам ба чунин муассисаи доимӣ алоқаманд мебошанд, расонад ё расонда бошад. Дар чунин ҳолат муқаррароти моддаи 7 ва ё моддаи 14 ҳамин Созишнома вобаста бо шароити мавҷуда, мавриди истифода қарор дода мешаванд.

5. Агар ширкати резиденти яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда буда, аз Давлати дигари Аҳдкунанда фоида ё даромад ба даст оварад, ин Давлати дигари Аҳдкунанда метавонад аз дивидендҳои ин ширкат пардозанда андоз наситонад, ба истиснои он ҳолатҳое, ки чунин дивидендҳо ба резиденти ин Давлати дигари Аҳдкунанда, ё ки холдинге, ки ба онҳо дивидендҳо пардохта мешаванд, воқеан ҳам ба муассисаи доимӣ (намояндагӣ) ё муассисаи доимӣ дар ҳамин Давлати дигари Аҳдкунанда қарор дошта, мансуб бошанд, инчунин аз даромади тақсимнашудаи ширкат андоз ситонида намешавад, ҳатто агар дивидендҳо пардохта шаванд ё фоидаи тақсимнашуда пурра ё қисман аз даромад ё фоидаи дар ҳамин Давлати Аҳдкунанда ба вуҷуд омада, иборат бошад.

## Моддаи 11
## Фоизҳо

1. Фоизҳое, ки дар яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда ба амал омада ва ба резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда пардохта мешаванд, мумкин аст, дар ҳамин Давлати дигари Аҳдкунанда андозбандӣ карда шаванд.

2. Аммо аз чунин фоизҳо дар Давлати Аҳдкунандае, ки он ҷо пайдо мешаванд ва мувофиқи қонунгузории ҳамин Давлат андоз гирифта мешавад, вале агар фоизгиранда соҳиби воқеии ин фоизҳо бошад, пас андози дар чунин ҳолат ситондашаванда набояд аз 10% маблағи умумии фоизҳо зиёдтар бошад.

3. Истилоҳи «фоизҳо» дар мариди истифода гардидан маънои даромад аз ҳаргуна ӯҳдадориҳои қарзиро, ки бо замонат таъмин ё бо замонат таъмин нагашта, ҳуқуқӣ иштирок дар фоидаи қарздорҳоро медиҳанд ё намедиҳанд, аз ҷумла, даромад аз қоғазҳои қиматноки давлатӣ ва даромад аз вомбаргҳо ё ӯҳдадориҳои қарзӣ, аз ҷумла мукофотҳо ва бурдҳои ин коғазҳои қиматнок, вомбаргҳо ё ӯҳдадориҳои қарзиро дорад. Аз назари ин модда ҷаримаҳо барои сари вақт напардохтан ба сифати фоизҳо эътироф намешаванд.

4. Муқаррароти бандҳои 1 ва 2 ҳамин модда дар ҳолате истифода бурда намешавад, ки агар соҳиби воқеии фоизҳо резиденти яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда буда, фаъолияти иқтисодиро (соҳибкориро) дар Давлати дигари Аҳдкунанда анҷом диҳад ва фоизҳо тавассути муассисаи доимии (намояндагии) дар он ҷо қарор дошта ташаккул ёбад, ё ки дар ин Давлати дигари Аҳдкунанда хизматҳои бевоситаи шахсиро таввасути пойгоҳи доимии онҷо буда, анҷом медиҳад ва ӯҳдадориҳои қарзӣ, ки дар асоси онҳо фоизҳо пардохта мешаванд, ҳақиқатан ҳам ба чунин муассисаи доимӣ (намояндаги) ё ки пойгоҳи доимӣ тааллуқ дошта бошанд. Дар чунин маврид, муқаррароти моддаи 7 ва ё моддаи 14 ҳамин Созишнома дар вобаста бо вазъияти ба вуҷудомада мавриди истифода қарор дода мешавад.

5. Чунин ҳисобида мешавад, ки фоизҳо дар Давлати Аҳдкунанда ҳамон вақт ташаккул меёбанд, агар пардозандаи онҳо Давлат, воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, мақомоти ҳокимияти маҳалӣ ё ки резиденти ҳамин Давлати Аҳдкунанда бошанд. Вале агар шахси пардозандаи фоизҳо, сарфи назар аз он ки вай резиденти Давлати Аҳдкунанда ҳаст ё не, дар Давлати Аҳдкунанда муассисаи доимӣ (намояндагӣ) ё ки пойгоҳи доимӣ дорад ё не, дар робита бо сабабҳое,

ки қарзе пайдо шудааст, ки фоиз пардохта мешавад ва чунин фоизҳоро муассисаи доимӣ (намояндагӣ) ё пойгоҳи доимӣ пардохт мекунад, пас чунин шуморида мешавад, ки фоизҳо дар ҳамон Давлати Аҳдкунанда ташкил меёбанд, ки он ҷо муассисаи доимӣ (намояндагӣ) ва пойгоҳи доимӣ қарор доранд.

6. Дар ҳолати мавҷуд будани муносибатҳои махсус миёни пардохткунанда ва соҳиби воқеии фоизҳо, ё ки байни ҳардуи онҳо ва шахси дигари сеюм, маблағи умумии фоизҳои ба ӯҳдадориҳои қарзи таалуқдошта, ки дар асоси онҳо пардохта мешавад, аз миқдори маблағе, ки бояд миёни пардохткунанда ва соҳиби воқеии фоизҳо дар мавриди мавҷуд набудани ин муносибатҳо мумкин буд, мувофиқ кунонида шавад, зиёд бошад, пас муқаррароти ҳамин модда танҳо дар мавриди маблағи дар охир қайдкардашуда истифода бурда мешавад. Дар чунин ҳолат қисми зиёдатии пардохт мутобиқи қонунгузории ҳар кадом Давлатҳои Аҳдкунанда бо назардошти дигар муқаррароти ҳамин Созишнома мавриди андозбандӣ қарор мегирад.

7. Сарфи назар аз муқаррароти банди 2 ҳамин модда фоизҳое,ки дар Давлати Аҳдкунанда ба амал меоянд, бояд дар ин Давлат аз андозбандӣ озод карда шаванд, агар онҳо ҳақиқатан ҳам ба Ҳукумат ё Бонки миллии Давлати Аҳдкунандаи дигар таалуқ дошта бошанд.

## Моддаи 12
## Роялти

1. Роялтии дар яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда ташаккулёфта ва ба резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда пардохташаванда метавонад, дар ҳамин Давлати дигари Аҳдкунанда мавриди андозбандӣ қарор гирад.

2. Аммо, чунин роялти метавонад дар Давлати Аҳдкунанда, ки онҳо ташакул меёбанд, тибқи қонунгузории ҳамин Давлат таҳти андозбандӣ қарор гирад, вале, агар гирандаи роялти ва соҳиби воқеии роялти резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда бошад, пас андози бо чунин тариқ ситондашаванда, набояд, аз 10 фоизи маблағи умумии роялтӣ зиёдтар бошад.

3. Истилоҳи "роялти" ҳангоми истифодагардидан дар ин модда маънои ҳар намуди пардохте дорад, ки ба сифати подош барои истифода бурдан, ё ки пешниҳод кардани ҳуқуқи истифода аз ҳуқуқи муаллифӣ барои асари бадеӣ, санъат, илм, (кинофилмҳо,

телефилмҳо, сабтҳои видеоӣ, ё сабтҳои радиошунавонӣ ва телевизионӣ), ҳар гуна патентҳо, аломати тиҷоратӣ, дизайн, моделҳо, нақшаҳо, формулаҳои махфӣ ва протсессҳо ё истифодабарӣ ё ки иттилоти аҳамияти саноатӣ, тиҷоратӣ ё ки таҷрибаи илмӣ доштаро, дар бар мегирад.

4. Муқаррароти банди 1 ва 2 мавриди истифода қарор намегиранд, агар соҳиби воқеии роялти резиденти Давлати Аҳдкунанда буда, аз тариқи муассисаи доимӣ фаъолияташро дар Давлати дигари Аҳдкунанда анҷом диҳад, ки он ҷо роялти тавассути муассисаи доими ташакул меёбад, ё ки хизматҳои бевоситаи шахсиро дар ҳамин Давлати дигари Аҳдкунанда аз тариқи пойгоҳи доимии дар он ҷо қарор дошта мерасонад, ҳуқуқ ё амвол, ки нисбати онҳо роялти супорида мешавад, дар воқеъ ба чунин муассисаи доимӣ алоқаманд бошанд. Дар чунин ҳолат, муқаррароти моддаҳои 7 ва ё 14 вобаста бо вазъият, мавриди истифода қарор мегиранд.

5. Роялти дар Давлати Аҳдкунанда ташаккулёфта ба ҳисоб меравад, агар он барои истифодабарӣ ё барои ҳуқуқи истифодаи ҳуқуқ ё амвол дар ин Давлат пардохта шуда бошад.

6. Агар, дар натиҷаи муносибатҳои махсус миёни роялти пардозанда ва соҳиби воқеии роялти, ё ки байни ҳардуи онҳо ва шахси дигари сеюм, маблағи роялтии пардохташуда ё ҳисобкардашуда барои истифода, ҳуқуқ ё ки иттилот тааллуқ дошта ва дар асоси онҳо пардохта мешаванд аз маблағи маслиҳатшуда миёни пардозанда ва соҳиби воқеии роялти зиёдтар бошад, он гоҳ дар сурати набудани ин гуна муносибатҳо муқаррароти ин модда танҳо нисбати маблағи охирин мавриди истифода қарор дода мешавад. Дар чунин маврид қисми барзиёди роялтии пардохташуда ё ҳисоб карда шуда тибқи қонунгузории андози ҳар кадом Давлати Аҳдкунанда бо назардошти ҳатмии дигар муқаррароти ин Созишнома бояд мавриди андозбандӣ қарор гирад.

## Моддаи 13
## Даромадҳо аз мусодираи моликият

1. Фоидаи резиденти Давлати Аҳдкунанда аз мусодираи амволи ғайриманқули дар Давлати дигари Аҳдкунанда қарор дошта мегирад, мумкин аст, дар ҳамин Давлати дигари Аҳдкунанда андозбандӣ карда шавад.

2. Фоида ва даромадҳои аз мусодираи амволи манқуле, ки қисми амволи дар фаъолияти иқтисодӣ истифодашавандаи

муассисаи доимиро ташкил медиҳад ва он корхонаи Давлати Аҳдкунандае мебошад, ки дар Давлати дигари Аҳдкунанда ҷой дорад, ё ки ба пойгоҳи доимӣ тааллуқдошта дар ҳамон Давлати дигари Аҳдкунанда дар ихтиёри резиденти Давлати Аҳдкунандаи дар авал зикр шуда ба мақсади расонидани хизматҳои бевоситаи шахсӣ мебошад, аз ҷумла фоида ва даромадҳои мусодираи ҳамин муассисаи доимӣ (дар алоҳидагӣ ё якҷоя бо тамоми корхона), ё пойгоҳи доимӣ, дар ҳамон Давлати Аҳдкунандаи дигар мумкин аст, таҳти андозбандӣ қарор гиранд.

3. Фоидаи аз мусодираи киштиҳои баҳрӣ ва тайёраҳо, ки дар ҳамлу нақли байналхалқӣ, ё ки амволи манқули ба истифодабарии ин воситаҳои нақлиёт алоқаманд ба даст омада, танҳо дар ҳамон Давлати Аҳдкунанда, ки ҷои воқеъии идоракунии корхона мебошад, андозбандӣ карда мешавад.

4. Даромадҳои ба даст овардаи резиденти Давлати Аҳдкунанда аз мусодираи саҳмияҳо ва ҳуқуқҳои дигари корпоративӣ, ки активҳои онҳо мустақим ё ғайримустақим пурра ё ки асосан аз амволи ғайриманқули дар Давлати дигари Аҳдкунанда қарор дошта иборатанд, мумкин аст дар ҳамин Давлати дигари Аҳдкунанда таҳти андозбандӣ қарор мегиранд.

5. Фоидаи ба даст омада аз мусодираи ягон намуди амвол, ки дар бандхои 1, 2, 3, 4 зикр нашудаанд, танҳо дар ҳамон Давлати Аҳдкунандае андоз месупоранд, ки резиденташ шахси амволро мусодиракунанда мебошад.

## Моддаи 14
## Хизматрасонии мустақилонаи шахсӣ

1. Даромади гирифтаи резиденти яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда барои хизматрасонии касбӣ ё фаъолияти ба ин шабеҳи дорои хусусияти мустақилона танҳо дар ҳамин Давлат андозбандӣ мегардад, ба истиснои ҳолате, ки агар ӯ дар Давлати дигари Аҳдкунанда дорои пойгоҳи доимии дастрас ҷиҳати иҷрои чунин фаъолият бошад. Агар ӯ дорои пойгоҳи доимии барои иҷрои чунин фаъолият дастрас бошад, пас даромад дар Давлати дигари Аҳдкунанда танҳо дар қисмати марбут ба ҳамин пойгоҳи доимӣ андозбандӣ мегардад.

2. Истилоҳи «хизматрасониҳои касбӣ» аз ҷумла фаъолияти мустақилонаи илмӣ, адабӣ, ҳунарӣ, таълимӣ ё омузгорӣ, инчунин фаъолияти мустақилонаи табибон, ҳуқуқшиносон, муҳандисон,

меъморон, табибони дандон, бухгалтерон ва аудиторҳоро дар назар дорад.

3. Барои мақсадҳои Созишномаи мазкур истилоҳи «пойгоҳи доимӣ» маънои ҳама гуна ҷои доимӣ, мисол утоқи корӣ ё офисро дорад, ки таввасути онҳо фаъолияти шахси воқеии пешниҳодкунандаи хизматрасонии мустақилонаи шахсӣ пурра ё қисман амалӣ мегардад.

## Моддаи 15
## Хизматрасонии мутеъонаи шахсӣ

1. Бо дарназардошти муқаррароти моддаҳои 16,18,19 музди меҳнат ва дигар подошҳои шабеҳ, ки резиденти Давлати Аҳдкунанда дар робита бо кироякорӣ ба даст меорад, танҳо дар ҳамин Давлат андозбандӣ мешавад, агар чунин кироякорӣ дар Давлати дигари Аҳдкунанда анҷом дода нашавад. Агар кироякорӣ ба ҳамин тариқ амалӣ гардад, подоши чунин тарз ба даст овардашуда танҳо дар ҳамин Давлати дигар андозбандӣ мегардад.

2. Сафри назар аз муқаррароти банди 1 ҳамин модда подоше, ки резиденти Давлати Аҳдкунанда дар робита бо кироякорӣ дар Давлати дигари Аҳдкунанда ба даст овардааст, танҳо дар Давлати аввал зикршуда андозбандӣ мегардад, агар:

a) шахси подошгиранда дар Давлати дигари Аҳдкунанда дар муддати як давра ё давраҳо, ки дар маҷмӯъ дар давоми ҳар гуна давраи 12 -моҳа бештар аз 183 шабонарӯз намебошад, қарор дорад; ва

b) подош аз тарафи кирокунанда ё аз номи кирокунандае, ки резиденти Давлати дигар намебошад, пардохта шавад; ва

c) подошро муассисаи доимӣ (намояндагӣ) ё пойгоҳи асосӣ, ки кирокунанда дар Давлати дигар дорад, намепардозад.

3. Сарфи назар аз муқаррароти пешинаи моддаи мазкур, подошҳои вобаста ба кироякорӣ дар воситаҳои нақлиёти дар ҳамлу нақли байналмилалӣ истифодашаванда метавонад дар ҳамон Давлати Аҳдкунанда мавриди андозбандӣ қарор гирад, ки дар он ҷо маҳали воқеии идораи корхона ҷойгир аст.

## Моддаи 16
## Подоши директорон

Пардохтҳои директорон ва дигар пардохтҳои шабеҳ, ки резиденти Давлати Аҳдкунанда ба сифати узви Шӯрои директорони

ширкат мегирад ва он резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда мебошад, дар ҳамин Давлати дигари Аҳдкунанда андозбандӣ мегардад.

**Моддаи 17**
**Ҳунармандон ва варзишгарон**

1. Сарфи назар аз муқаррароти моддаи 14 ва 15 даромаде, ки резиденти яке аз Давлати Аҳдкунанда ба сифати корманди санъат, мисол ҳунарманди театр, кино, радио ва телевизион, мусиқинавоз ва варзишгар аз фаъолияти шахсӣ дар Давлати дигари Аҳдкунанда ба даст меоварад, метавонад дар ҳамон Давлати дигари Аҳдкунанда андозбандӣ шавад.

2. Агар даромад аз фаъолияти шахсии корманди санъат ва варзишгар на ба худи корманди санъат ё варзишгар , балки ба шахси дигар ҳисоб карда шавад, пас ин даромад метавонад, сарфи назар аз муқаррароти моддаҳои 7, 14 ва 17 ҳамин Созишнома, дар ҳамон Давлати Аҳдкунандае андозбандӣ гардад, ки дар он ҷо фаъолияти корманди санъат ва варзишгар анҷом дода мешавад.

3. Даромади гирифтаи резиденти яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда ба сифати корманди санъат ё варзишгар аз фаъолияти шахсӣ, сарфи назар аз муқаррароти бандҳои 1 ва 2 ҳамин модда, дар ҳамин Давлат андозбандӣ мегардад, агар фаъолият дар Давлати дигари Аҳдкунанда дар доираи барномаҳои табодули фарҳангию варзишӣ тибқи Созишномаҳои байниҳукуматӣ баргузор шуда бошад.

**Моддаи 18**
**Нафақапулӣ ва дигар пардохтҳои шабеҳ**

1. Бо дарназардошти муқаррароти банди 2 моддаи 19 нафақа ва дигар пардохтҳои шабеҳ, ки барои кори собиқа ба резиденти Давлати Аҳдкунанда пардохта мешавад ва ҳама гуна аннуитетҳои ба чунин резидент пардохташаванда танҳо дар ҳамон Давлати Аҳдкунанда андозбандӣ мешавад.

2. Истилоҳи «аннуитет» маънои маблағи муқарраршударо дорад, ки бояд паёпай, дар вақти муайян, дар тӯли ҳаёт ё дар муддати давраи муайян мутобиқи ӯҳдадориҳо анҷом додани чунин пардохт бар ивази подоши шабеҳ ва пурра ба шахси воқеӣ пардохта шавад.

милии Давлати дигари Аҳдкунанда фароҳам шудааст, таҳти ҳама гуна андозсупориҳои вазнинтар ё ӯҳдадориҳои вобаста ба он қарор гиранд. Сарфи назар аз муқаррароти моддаи 1 чунин муқаррарот нисбати шаҳрвандони Давлати Аҳдкунанда, ки резиденти як ё ҳарду Давлати Аҳдкунанда нестанд, татбиқ мегардад.

2. Шахсони бе шаҳрвандӣ, ки резиденти Давлати Аҳдкунанда мебошанд, наметавонад дар Давлати дигари Аҳдкунанда нисбат ба андозсупориҳо ё ӯҳдадориҳои вобаста ба он, ки тибқи ҳамин ҳолат барои ашхоси бешаҳрванди Давлати дигари Аҳдкунанда фароҳам шудааст, таҳти ҳама гуна андозсупориҳои вазнинтар ё ӯҳдадориҳои вобаста ба он қарор гиранд.

3. Андозбандии муассисаи доимӣ (намояндагӣ), ки корхонаи яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда дар Давлати дигари Аҳдкунанда дорад, набояд нисбати андозсупории корхонаи ҳамин Давлати дигари Аҳдкунанда, ки ба чунин навъи фаъолият машғул аст, номусоидтар бошад.

4. Муқаррароти моддаи мазкур набояд чунин маънидод гардад, ки он як Давлати Аҳдкунандаро вазифадор мекунад ба резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда оид ба андозсупорӣ дар асоси мақоми шаҳрвандӣ ё ӯҳдадории оилавие, ки он ба резидентҳои худаш фароҳам меорад, кадом як имтиёзот, ҳисобу китоб ва тахфифҳоро муҳайё созад.

5. Ба истиснои ҳолатҳое, ки муқаррароти банди 1 моддаи 9, банди 6 моддаи 11 ё банди 6 моддаи 12 ҳамин Созишнома татбиқ мегардад, фоизҳо, роялтҳо ва намудҳои дигари пардохтҳо, ки корхонаи яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда ба резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда анҷом медиҳад, бояд бо мақсади муайян кардани фоидаи андозбандишаванда тибқи ҳамон шароитҳо ҳисоб карда мешавад, ки агар онҳо нисбати резиденти Давлати Аҳдкунандаи аввал зикр шуда пардохта шуда бошанд. Ҳамчунин ҳар гуна қарзҳои корхонаи яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда бояд ба мақсади муайян кардани сармояи андозбандишаванда чунone ҳисоб карда шавад, ки нисбат ба резиденти Давлати Аҳдкунандаи аввал зикргардида сурат гирифтааст.

6. Корхонаи яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда, ки сармояи он пурра ё қисман ба як ё якчанд резиденти Давлати дигари Аҳдкунанда марбутанд ё мустақим ё ғайримустақим назорат карда мешаванд, набояд дар Давлати Аҳдкунандаи аввал зикргардида таҳти ягон андозсупориҳо ё ӯҳдадориҳои вобаста ба он, ки тибқи ҳамин ҳолат

барои чунин корхонаи Давлати Аҳдкунандаи аввал зикгардида фароҳам шудааст, таҳти ҳама гуна андозсупориҳои вазнинтар ё ӯҳдадориҳои вобаста ба он қарор гиранд.

**Моддаи 25**
**Расмиёти ба мувофиқа омадан**

1. Агар шахсе, ки резиденти як ё ҳарду Давлатҳои Аҳдкунанда мебошад, чунин шуморад, ки амали як ё ҳарду Давлатҳои Аҳдкунанда метавонад боиси андозбандӣ хилофи муқаррароти Созишномаи мазкур бошад ё ба он оварда мерасонад, ин шахс, сарфи назар аз воситаҳои ҳимоявии пешбининамудаи қонунгузириҳои миллии ин Давлатҳои Аҳдкунанда, метавонад кори худро ба мақомоти салоҳиятдори Давлати Аҳдкунанда, ки вай резиденти он мебошад ё агар ҳолати бо ӯ рухдода таҳти амали банди 1 моддаи 24 қарор гирад, ба ҳамон Давлати Аҳдкунанда, ки вай шаҳрванди он мебошад, барои баррасӣ ирсол дорад. Ариза бояд дар мӯҳлати се сол аз лаҳзаи огоҳии авал дар мариди амале, ки боиси андозбанӣ хилофи муқаррароти Созишномаи мазкур мегардад, пешниҳод карда шавад.

2. Мақоми салоҳиятдор кӯшиш ба харҷ медиҳад ва агар эътирозро асоснок ҳисобад ва худаш мустақилона ба қарори қаноатбахш омада натавонад, онро дар мувофиқа бо мақоми салоҳиятдори Давлати дигари Аҳдкунанда бо мақсади роҳ надодан ба андозсупории хилофи муқаррароти Созишномаи мазкур, ҳал кунад. Ҳама гуна мувофиқаи ба даст омада, сарфи назар аз ҳар гуна маҳдудияти муввақатӣ, ки қонунгузориҳои миллии Давлатҳои Аҳдкунанда пешбинӣ намудаанд, бояд иҷро карда шавад.

3. Мақомоти салоҳиятдори Давлатҳои Аҳдкунанда кӯшиш менамоянд, ки дар ҳамкории мутақобила ҳар гуна мушкилот ё нобовариро, ки ҳангоми истифодаи муқаррароти Созишномаи мазкур пайдо мешаванд, ҳал намоянд. Ҳамаи баҳсҳои вобаста ба иҷрои муқаррароти Созишномаи мазкур бо роҳи гуфтушунид ва машварат ҳал карда мешаванд.

4. Мақомоти салоҳиятдори Давлатҳои Аҳдкунанда бо мақсади ба даст овардани мувофиқа ва ҳамдигарфаҳмӣ оид ба муқаррароти бандҳои қаблӣ метавонанд бо ҳам робитаи мустақим дошта бошанд.

## Моддаи 26
## Табодули иттилоот

1. Мақомоти салоҳиятдори Давлатҳои Аҳдкунанда иттилооти вобаста ба андозро, ки барои татбиқи муқаррароти Созишномаи мазкур ё қонунгузориҳои миллии Давлатҳои Аҳдкунанда,ки нисбати онҳо муқаррароти ҳамин Созишнома истифода мегардад, ба ҳамон андозае, ки андозбандиҳо тибқи ин қонунгузорӣ хилофи ҳамин Созишнома нестанд, аз ҷумла дар қисмати пешгирии саркашӣ аз пардохти андозҳо, мубодила хоҳанд кард. Табодули иттилоот бо муқаррароти моддаи 1 ҳамин Созишнома маҳдуд намешавад. Ҳар гуна иттилооте, ки мақоми салоҳиятдори Давлати Аҳдкунанда ба даст меорад, ба монанди иттилооти дар доираи қонунгузориҳои миллии ҳамин Давлати Аҳдкунанда ба даст омада махфӣ ҳисобида мешавад ва танҳо метавонад ба ҳамон ашхос ва мақомот (аз ҷумла, судҳо ва мақомотҳои маъмурӣ), ки ба ҳисоб, ҷамъоварӣ, ситонидани иҷборӣ ё ҷустуҷуйи судӣ ё баррасии сафедкунӣ оид ба андозҳо машғуланд ва нисбати онҳо ҳамин Созишнома истифода мешавад, хабар дода шуда, танҳо барои ҳамин мақсадҳо бояд истифода гардад. Онҳо ин иттилоотро метавонанд дар ҷараёни мурофиаи судӣ ё ҳангоми қабули қарорҳои судӣ фош намоянд.

2. Ба ҳеҷ ваҷҳ муқаррароти банди 1 ҳамин модда набояд бо мақсади ба зиммаи мақоми салоҳиятдори Давлати Аҳдкунанда гузоштани ӯҳдадориҳои зерин маънидод карда шавад:

a) андешидани чораҳои маъмурӣ, ки хилофи қонунҳо ё амалияи маъмурии ин ё он Давлати Аҳдкунанда мебошад;

b) чунин иттилоотеро пешниҳод намояд, ки онро мувофиқи қонунгузорӣ ё дар ҷараёни амалияи муқаррарии маъмурии ин ё он Давлати Аҳдкунанда гирифтан мумкин нест;

c) иттилоотеро пешниҳод намояд, ки он метавонад ягон сирри тиҷоратӣ, саноатӣ, соҳибкорӣ ё асрори касбӣ ё раванди тиҷоратиро фош намояд ё иттилоотеро диҳад, ки ошкор сохтани он хилофи сиёсати давлат аст.

## Моддаи 27
## Кормандони намояндагиҳои дипломатӣ ва хадамоти консулӣ

Ҳеҷ яке аз муқаррароти Созишномаи мазкур ба имтиёзҳои андозии кормандони намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо, ки ба онҳо тибқи меъёрҳои умумии ҳуқуқҳои байналмилалӣ ё Созишномаҳои махсус фароҳам оварда шудаанд, дахолат намекунад.

## Моддаи 28
## Эътибор пайдо кардан

1. Ҳар як Давлати Аҳдкунанда ҳамдигарро тавассути роҳҳои дипломатӣ, ба таври хаттӣ дар бораи мувофиқи қонунгузории миллӣ анҷом додани расмияти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур заруранд, огоҳ менамоянд. Созишнома аз санаи гирифтани огоҳиномаи охирин эътибор пайдо мекунад.

2. Муқаррароти ҳамин Созишнома нисбат ба инҳо амал мекунад:

a) нисбати андозҳои аз манбаъҳои пардохт ситонидашаванда вобаста ба маблағе, ки баъди як рӯз ё рӯзи якуми моҳи сеюм баъди эътибор пайдо кардани ин Созишнома фарорасанда пардохта ё ба ҳисоб гирифта шудааст;

b) нисбати дигар андозҳо барои соли андозбандишаванда, ки баъди 1 январ ё аз 1 январи пас аз эътибор пайдо кардани Созишнома фаро мерасад.

3. Ба ҳамин Созишнома бо мувофиқаи муштараки Давлатҳои Аҳдкунанда метавонад тағйироту иловаҳо ворид гардад, ки онҳо бо протоколҳои алоҳида ба расмият дароварда шуда, қисми ҷудонопазири ҳамин Созишнома мебошанд.

## Моддаи 29
## Қатъи амал

Созишномаи мазкур то замоне эътибор дорад, ки агар яке аз Давлатҳои Аҳдкунанда амали онро қатъ насозад. Ҳар кадом Давлати Аҳдкунанда метавонад баъди 5 соли эътибор пайдо кардани ҳамин Созишнома амали онро бо ирсоли огоҳномаи хаттӣ бо роҳҳи дипломатӣ дар бобати бекор кардани амали он дар муддати на дертар аз шаш моҳи ба охир расидани ҳар як соли тақвимӣ, қатъ намояд. Дар чунин ҳолат муқаррароти ин Созишнома татбиқ намегадад:

a) ба андоз аз даромади аз манбаъ ситондашаванда, нисбати маблағҳои даромад, ки якуми январ ё баъди якуми январи соли тақвимии баъди соли қатъи амали ҳамин Созишнома фарорасанда ситонида мешаванд;

b) ба андоз аз сармоя нисбати ситонидани ин андозҳо 1 январ ё баъди 1 январи соли соли тақвимии баъди соли қатъи амали ҳамин Созишнома фаро расанда ситонида мешаванд.

**Ба тақвияти ин намояндагони Ҳар ду Давлати Аҳдкунанда, ки дорои салоҳиятанд, Созишномаро ба имзо расониданд.**

**Созишнома дар шаҳри** Варшава "27" майи **соли 2003 дар ду нусха, ҳар кадом бо забонҳои полякӣ, тоҷикӣ ва русӣ, ки ба ҳам шабеҳ ва дорои эътибори баробари ҳуқуқӣ мебошанд, ба имзо расидааст. Дар сурати ихтилофи назар ҳангоми тавзеҳи Созишнома ба матни забони русӣ афзалият дода мешавад.**

**Аз номи Ҷумҳурии Полша**

**Аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон**